**ТАҚРИЗ**

ба автореферати диссертатсияи Муродзода Аҳмадхон Амрохон дар мавзуи «Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ

Рисолаи диссертатсионии Муродзода Аҳмадхон Амрохон натиҷаи таҳқиқоти илмӣ-тахассусие мебошад, ки ба масъалаҳои мубрами таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV бахшида шудааст. Дар натиҷаи хулосаву пешниҳодот ва навгониҳои дар автореферат қайднамудаи муаллиф бояд гуфт, ки таҳқиқоти мазкур бо тахассуси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мувофиқат мекунад.

Мавзуи рисолаи номзадии Муродзода А.А. воқеан яке аз масъалаҳои мубрами таърихнигорӣ буда, аввалан камомӯхташуда ва сониян рӯзмарра ба шумор меравад. Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV яке аз масъалаҳои мубрам ба шумор меравад, ки барои пешравии ҷомеа нақши аввалиндараҷа мебозад.

Муаллифи рисола дар автореферати худ комилан дуруст қайд менамояд, ки муҳиммият ва мубрамияти масъала ин равиши таърихнигорӣ дар баррасии масоили таърихии ин давр барои муайян намудани дараҷаи баёни ҳақиқат дар осори илмӣ, корбурди дурусти усули илмӣ-татбиқӣ дар тафсири руходдҳои он замон аз афзалиятҳоест, ки дар ин диссертатсия ба он таваҷҷуҳ шудааст.

Метавон гуфт, ки услуби таърихнигорӣ дар ҳаллу фасли масоили таърихии фавқуззикр боз аз он ҷиҳат мубрам ба назар мерасад, ки метавон тафсирҳои гоҳе бо ҳам мутаноқизи руходдҳои нимаи дуюми асри XIV ва асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросонро дар осори пажуҳандагон муайян намуд ва ба натиҷагирии илмӣ мушарраф шуд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотро муаллиф дуруст ҷамъбаст кардааст, ки маводи рисоларо ҳангоми таҳияи васоити таълимӣ, курси махсус, маводи лексионӣ оид ба масъалаҳои таърихнигорӣ истифода бурдан мумкин аст.

Аҳаммияти илмию амалии таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир меёбад, ки дар асоси таҳлилҳо ва таҳқиқҳо вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросон муайян шудааст. Омӯзиши таҳқиқоти мазкур ҳамчун мавзуи муҳимми таърихӣ, на танҳо аҳамияти илмиву амалӣ дорад, инчунин муайян кардани ҳодисаҳои таҳқиқнашуда ва норавшани таърихи асрҳои миёнаи халқи тоҷик барои насли имрӯз ва ояндаи миллат аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

Навгонии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар илми таърихнигорӣ ва манбаъшиносӣ вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангию адабии Мовароуннаҳру Хуросон дар нимаи дуюми асри XIV ва асри XV ба таври густурда ва монографӣ таҳқиқ мешавад.

Муаллиф дар асоси таҳлилу баррасии маълумоти сарчашмаҳо ва осори муҳаққиқон тавонистааст, ки дар самти таҳқиқи таърихи вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми XIV ва асри XV ахбори возеҳу равшан пешкаш намояд.

Бояд қайд намуд, ки давраи иҷроиши таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири ҳаводиси таърихии нимаи дуюми асри XIV ва асри XV мебошад, ки яке аз марҳалаҳои муҳим дар таърихи халқи тоҷик ба ҳисоб меравад.

Аз автореферати рисолаи диссертатсионии Муродзода Аҳмадхон Амрохон дар мавзуи «Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV» тадқиқоти илмӣ-тахассусиеро анҷом додааст. Шарҳи автореферат ба се забон (тоҷикӣ, русӣ, англисӣ) арзиши назарӣ ва амалии онро инъикос мекунад. Ниҳоят гуфтан мумкин аст, ки кори таҳқиқоти муродзода А.А. ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи

илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

Доктори илмҳои таърих, профессори
кафедраи таърихи халқи тоҷики
Муассисаи давлатии таълимии
“Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав” Гадозода Абдукибор

Имзои доктори илмҳои таърих, профессор
Гадозода А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ва КМ МДТ “ДДБ ба номи
Носири Хусрав”, дотсент Исозода Тоҷиддин Исо

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67,
МДТ “ДДБ ба номи Носири Хусрав”,
тел.: (83222) 2-54-81, (83222) 2-22-53
http: // www. btsu.tj, E-mail: btsu78@ mail.ru
18.06.2025.